«Тасдиқ мекунам»
Директори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Муҳаббатзода Қ.Х.
_____ 2022

ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ЗАБОНҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПОИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи доктори фалсафа PhD Алҷуҳанӣ Султон Абдулкарим «Вижагиҳои матнҳои сиёсии тарҷумашуда аз забони форсӣ ба забони арабӣ» (бар асоси расонаҳои www. irna.ir (ایرنا), www. BBC Persian (بی بی سی) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900-Шарқшиносӣ (6D020901-Забони форсӣ) дар кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Мушовирони илмии ӯ доктори илми филология, мудири кафедраи филологияи Эрон, Сафаров Умархоҷа Раҳимович ва номзади илми филология, дотсенти кафедраи филологияи араб Исмонов Кароматулло Бадриддинович мебошанд.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи васеъи кафедраҳои филологияи Эрон ва филологияи араби факултети Осиё ва Аврупои ДМТ баррасӣ ва муҳокима гардида, аз таърихи 29-ми декабри соли 2020, қарори №4 ба ҳимоя тавсия шудааст.

Шурои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо диссертатсияи Алҷуҳанӣ Султон Абдулкаримро таҳти унвони «Вижагиҳои матнҳои сиёсии тарҷумашуда аз забони форсӣ ба забони арабӣ» (бар асоси расонаҳои www. irna.ir (ایرنا), www. BBC Persian (بی بی سی) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) бо ширкати мукарризон Султон Ҳасан Баротзода д.и.ф., узви вобастаи АМИТ сарходими илмии шуъбаи фархангнигорӣ ва истилоҳоти АМИТ ва Ҳомидов Д. Р., д.и.ф., профессори кафедраи таърихи забон ва типология баррасиву муҳокима намуданд.

Нахуст профессор Султон Ҳасан Баротзода суханронӣ намуда, мавзуи диссертатсияро барои забоншиносии муосири тоҷик мубраму муҳим арзёбӣ карданд. Номбурда хотирнишон карданд, ки дар ҷаҳони имрӯза пешрафти босуръати илму фан ва дигаргуниҳои сиёсию иқтисодӣ тарҷума, ба хусус тарҷумаи огоҳонаву муътамад беш аз пеш аҳаммият пайдо кардааст ва дар густариши ҳамкорию ҳамёрӣ ва иртиботи миёни мардумон ба вачҳи неку хидмат мекунад. Аз ин рӯ аз тарафи унвонҷӯ

Алҷуанӣ Султон Абдукарим мавриди пажуҳиш қарор гирифтани "Вижагиҳои забонии матнҳои сиёсии тарҷумашуда аз забони форсӣ ба забони арабӣ" иқдоми шоиста ва саривақтӣ арзёбӣ мешавад. Навгонии таҳқиқоти мавриди назар пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик матнҳои сиёсӣ дар намунаи матнҳои сиёсии форсва тарҷумаи арабии онҳо мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст.

Боби аввали диссертатсия "Мабонии назарии шинохти тарҷума" ном дошта, аз панҷ зерфасл иборат аст. Дар зерфаслҳо дар хусуси назари донишмандону муҳаққиқон оид ба тарҷума, маъноии луғавию истилоҳии он ҳадафҳои фарҳангию иҷтимоии тарҷума, ҳамчунин иртиботи тарҷума, дар бораи таърихи тарҷума, дар бобати нахзати тарҷума дар ҷаҳони ислом, оид ба равиши низомманд дар баррасии тарҷума сухан рафтааст.

Боби дувум "Мафҳуми матни сиёсӣ ва вижагиҳои он" унвон дошта, дар се зерфасли он дар бораи ҷузъиёт ва хусусиятҳои асосии матни сиёсӣ ва нақши он дар байни дигар навъи матнҳо маълумот оварда шудааст.

Боби севум "Таҳлили муқоисавии луғавӣ-грамматикии матнҳои тарҷумашуда аз форсӣ ба арабӣ" ном дошта, аз ду зерфасл иборат аст ва дар ин боб матнҳои форсӣ бо тарҷумаи арабии онҳо мавриди муқоиса гирифтааст.

Дар баробари дастовардҳои назаррас рисола аз нуқсону камбудиҳо низ орӣ нест ва ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар навишти номи донишмандон ва муҳаққиқон духӯрагӣ ба мушоҳида мерасад Фердинанд де Сосюр (с.47), Фердинан де Сосюр (дар фишурда), Ҳанин ё Ҳунайн, Ҳиҷоз бини Мотар (с.33), Яҳё бини Адӣ (с.34). Дар забони тоҷикӣ "ибни " гуфтану навиштан беҳтар аст.
2. Рисола ба забони хуби илмӣ таълиф шудааст, вале ҷо-ҷо хатоҳои услубию имлоӣ ба назр мерасанд (с. 14, 58, 80...).

Вале бояд гуфт, ки норасоиҳои номбаршуда аҳаммияти таҳқиқоти анҷомшударо халалдор намесозанд, зеро онҳо бештар хусусияти техникӣ дошта, ислоҳпазиранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Диссертатсия таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, дар пешрафти забоншиносии тоҷик, ба хусус дар соҳаи тарҷума ва тарҷумашиносӣ саҳми муносиб мегузорад.

Доктори илми филология, устоди кафедраи таърихи забони тоҷикӣ Ҳомидов Д. дар баромади худ нисбат ба рисолаи Алҷуҳанӣ Султон Абдулкарим хотирнишон намуд, ки баррасии матнҳои тарҷума аз нигоҳи вижагиҳои забонӣ дар забоншиносӣ мавқеи муҳимро касб карда, ин самт дар забоншиносӣ камтар Алҷуанӣ Султон Абдулкарим бо унвони «Вижагиҳои матнҳои сиёсии тарҷумашуда аз забони форсӣ ба забони араб» (бар асоси расонаҳои www. irna.ir (ایرنا), www. BBC Persian (بی بی سی) хеле саривақтӣ буда, дар забоншиносии қиёсӣ ҷойгоҳи муайянро фаро хоҳад гирифт. Мусаллам аст, ки тарҷума яке аз навъҳои душвору

печидаи фаъолияти инсонӣ ба шумор рафта, дар асри ҳозир бар асари густариши ҳамкориҳову иртиботи миёни халқҳо аҳаммияти бештаре пайдо менамояд. Забони нав ба нав вориди муошират мешаванд. Барои рафъи монеаву мушкилоти забонӣ ягона воситаи муассиру корсоз тарҷума маҳсуб мегардад. Масъалаи тарҷума мавзуи фарҳангшиносӣ, равоншиносӣ, таърихшиносӣ, адабиётшиносиву фалсафа қарор мегирад. Дар илми тарумашиносӣ барои ҳар соҳае аз илм, ки пайванде бо тарҷума дорад, метавон заминаҳои мушаххасеро ҷудо намуд.

Аҳамияти мавзуи таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки дар забоншиносии тоҷик аввалин бор мавзуи матни сиёсӣ ва вижагиҳои забоншиносии тарҷумаи аҳамияту арзиши таҳқиқ аст, баррасии қиёсии маводи таҳқиқ аст, ки дар асоси матнҳои пажӯҳандагонро ба мушкилоте ошно месозад, ки зимни тарҷума эҷод мегарданд.

Навгониҳои илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар забоншиносии тоҷик бори нахуст матнҳои сиёсӣ дар мисоли матнҳои сиёсии форсӣ ва тарҷумаи арабии онҳо мавриди таҳлилу арзёбии густурдаву амиқи илмӣ қарор гирифтааст. Диссертант дар натиҷаи пажӯҳишу баррасиҳо ба вижагиҳову қонунмандиҳои хоси тарҷума дар забонҳои мавриди назар даст ёфтааст.

Дар баробари ин дар муваффақиятҳо дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ҳусни рисоларо тамомият бахшида метавонад:

1. Баъзан такрори фикру андеша ва мисолҳои зикршуда ба чашм мерасанд, ки таҷдиди назар мехоҳад.
2. Ҳам дар диссертатсия ва дар автореферат бахши тавсияҳо оварда нашудаанд, ки бояд онҳоро дар пояи кори таҳқиқотӣ анҷом дод ва овард.
3. Дар боби савум, ки фарогири вижагиҳои забонӣ аст, хуб мешуд мисол бештар оварда мешуд ва таҳлили омории маводи забонии ин нашрияҳо нишон дода мешуд.
4. Дар таҳияи диссертатсия талаботи “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ” ва “Қоидаҳои аломати китобат”-и он риоя нагардидааст, ки ба талаботи муқаррароти он қоида мутобиқ кардани маводи диссертатсия ҳатмист.
5. Дар автореферат хулоса оварда нашудааст, ки тибқи талабот бояд дар охир оварда шавад.
6. Дар диссертатсия ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ низ баъзан ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои комил гардидани ҳусни рисола муҳим арзёбӣ мегардад.

Эродҳои зикршуда, моҳияти илмии диссертатсияро кам намекунанд ва ислоҳшавандаанд.

Дар қисмати саволу ҷавоб профессор Сулаймонов С., досентон Абдулҳадов Ҷ.З., Шодиев Р. А., Ҷобиров Д. иштирок намуда, ба саволҳои худ ҷавоби қонеъкунанда гирифтанд. Бад-ин сурат, дар иртибот ба баромади муқарризон – Султон Ҳасан Баротзода д.и.ф., узви

вобастаи АМИТ сарходими илмии шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти АМИТ ва Ҳомидов Д. Р., д.и.ф., профессори кафедраи таърихи забон ва типология натиҷаи саволу ҷавоб ва муҳокимаи кор, шурои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо нисбат ба ҳусну қубҳи илмии диссертатсияи Алҷуанӣ Султон Абдукарим ба чунин хулоса омад, ки диссертатсия ба яке аз масъалаҳои актуалии забоншиносӣ бахшида шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бо таҳқиқи ҷанбаҳои забонии матнҳои тарҷума, хосатан матнҳои сиёсӣ, баъзе вижагиҳои луғавӣ ва услубии забони адабии тоҷикӣ, қабатҳои луғавии забони тоҷикӣ дақиқ карда мешавад ва дар такмили матни тарҷумаи форсӣ, ки матнҳои сиёсӣ дар он нақши хоса доранд, мусоидат мекунанд. Дар заминаи таҳқиқ омода сохтани лексияҳо аз назарияи тарҷума, амалияи тарҷума ва амсоли онҳо имконпазир мегардад. Маводи таҳқиқи вижагиҳои забонии матнҳои тарҷума дар мураттаб намудани лексияҳо аз курси махсус барои ихтисосҳои филологӣ, рӯзноманигорӣ ва тарҷумонӣ маводи муҳим мебошад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муҳаққиқ муҳтавои рисоларо комилан инъикос менамоянд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 3 мақолаи муаллиф, ки ҳамагӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, инъикос ёфтааст:

1. Алҷуанӣ Султон. Нигоҳе ба баъзе аз масоили тарҷума / Султон А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе- 2018. - №4. – С. 206-209.
2. Алҷуанӣ Султон. Омилҳои дарунматнӣ ва иштибоҳоти эҳтимолӣ зимни тарҷума/ Султон А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе-2018. - №6. – С. 139-142 .
3. Алҷуанӣ Султон. Нигоҳи ба мафҳуми «матни сиёсӣ» ва «гуфтмони сиёсӣ»/ Султон А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе-2019. - №4– С. 178-182 .

Вобаста ба дастовардҳои зикршуда, шурои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои бо қарори №6, аз таърихи 16.02.2022 диссертатсияи доктори фалсафа PhD Алҷуҳанӣ Султон Абдулкарим «Вижагиҳои матнҳои сиёсии тарҷумашуда аз забони форсӣ ба забони арабӣ» (бар асоси расонаҳои www. irna.ir (ایرنا), www. BBC Persian (بی بی

سی) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – Шарқшиносӣ (6D020901-Забони форсӣ) кори муҳимму арзишманд арзёбӣ намуда, онро таҳқиқи илмии комилан анҷомёфта меҳисобад. Диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, онро метавон ба баррасии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – Шарқшиносӣ (6D020901-Забони форсӣ) тавсия намуд.

Иштирок доштанд: 20 нафар аъзои шурои олимон.
Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 20 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Раиси шурои олимон,
номзади илми филология, дотсент, Шодиев Рустам Азизуллоевич
тел.: (+992) 919270791
почтаи эл: Shodirys@mail.ru

Муқарризон:

узви вобастаи АМИТ,
сарходими илмии шуъбаи фарҳангнигорӣ
ва истилоҳоти АМИТ
Тел.: (+992) 9352689805
E-mail: sulton_66@mail.ru Султон Ҳасан Баротзода

профессори кафедраи таърихи
забонва типология, ДМТ
Тел.: (+992) 907798265 Ҳомидов Д. Р.
E-mail: homidov-65@mail.ru

Котиби шуро, муаллими калон Шайдуллои Ҳоҷӣ
Телефон: (+992) 98-894-05-00.
E-mail: shaydullo-91@mail.ru

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: (+992-37) 221-77-11Факс:(+992-37) 221-48-84
E-mail:info@tnu.tj.int.re@gmail.com http://www.tnu.tj

Имзои Султон Ҳасан Баротзодаро
"Тасдиқ мекунам"
Нозири шуъбаи кадри Институти забон
ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ Шарзиқулова Ҳ.

Имзои Шодиев Р. А. Ҳомидов Д.Р. ва Шайдуллои Ҳоҷиро
«Тасдиқ мекунам»
сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э. Ш.

25. 11. 22.